«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.
____________________
«25» ______________ 2020

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи **«Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой - муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01– Адабиёти тоҷик дар кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Набиева Меҳрангез Назаровна** соли 2006 факултети филологияи тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз рӯйи ихтисоси филолог, муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм карда, солҳои 2014-2018 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикӣ таҳсил намуда, айни замон ҳамчун муҳаррири тоҷикии Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ фаъолият дорад.

Роҳбари илмии М. Набиева доктори илмҳои филология, узви пайвастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, профессори кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, академик **Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ** мебошад.

Мавзӯи диссертатсия дар Шӯрои олимони факултети филологияи тоҷики ДМТ рӯзи 03.03.2015 бо қарори №7 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба диссертант Набиева Меҳрангез Назаровна 25-уми ноябри соли 2020 шаҳодатномаи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ додааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой аз зумраи адабиётшиносони маъруфест, ки дар пешрафти илми адабиётшиносии тоҷик саҳми босазо

гузошта, фаъолияти илмии ин донишманд дар таърихи адабиётшиносии тоҷик ҷанбаҳои гуногун ва хусусиятҳои хосси худро дорад, ки масъалаҳои мухталифи адабиётшиносӣ, таърих, забоншиносӣ, фарҳангу маънавиёт самти фаъолияти пурмуҳтавои илмии ӯро ташкил медиҳанд. Доираи таҳқиқоти илмии ин олим густарда буда, аз ҷумла, муҳимтарин масъалаҳои таърихи адабиёт ва адабиёти давраи нави тоҷикро фаро гирифтааст. Муҳаққиқ бештар ба масъалаҳое рӯ овардааст, ки омӯзиши онҳо барои кушодани гиреҳҳои мушкилоти адабиёти тоҷик - адабиёти қадим, асримиёна ва муосир ёрӣ мерасонад.

Дар таҳқиқу накди таърихи адабиёти форсу тоҷик саҳми устодони бузург, ба монанди Садриддин Айнӣ, Х.Мирзозода, Ш.Ҳусейнзода, Р.Ҳодизода, А.Мирзоев, С.Табаров ва дигарон хеле назаррас мебошад. Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ низ, яке аз шахсиятҳои маъруфест, ки давомдиҳандаи кори устодони худ буда, дар илми адабиётшиносии тоҷик хидмати шоиста намудааст. Асарҳои зиёди ин донишманд ва олими барҷаста дорои арзишҳои баланд ва дастовардҳои назаррасанд ва бо равишҳои тозаи таҳқиқ ва асосҳои қавии худ чун роҳнамои мутахассисони соҳаи филология қимат доранд. Хидматҳои ӯ дар роҳи таҳқиқи масъалаҳои назарӣ ва амалии адабиёти гузаштаи форсу тоҷик ва мушкилоти адабиёти муосири тоҷик беназир аст. Аз ин рӯ, дар қолаби диссертатсия омӯзишу баррасии рӯзгор ва осори илмии ин донишманд, назарияҳои илмиву адабӣ, моҳият, усул, сабки тадқиқ ва саҳми ӯ дар омӯзиши масоили таърихи адабиёт **кори хеле муҳим** буда, барои инкишофу пешрафти адабиётшиносии муосир судманд мебошанд.

**Ҳадафи асосии таҳқиқи диссертатсионӣ** таҳлил ва баррасии комплексии фаъолияти илмии академик Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ вобаста ба таърихи адабиёти зиёда аз ҳазорсолаи классикӣ ва муосири тоҷик мебошад. Ба андешаи диссертант нақш ва ҷойгоҳи М. Шакурӣ дар адабиётшиносии тоҷик хеле барҷаста ба назар меояд, аммо аз таҳқиқу таҳлили мавзӯъ равшан гаштааст, ки нақш ва ҷойгоҳи олим дар илми адабиётшиносии тоҷик ба қадри мукаммал таҳқиқ ва арзёбӣ

нагардидааст. Барои расидан ба ин ҳадафҳо унвонҷӯй дар назди худ чунин вазифаҳо гузоштааст:

– баррасии ҷараёни зиндагии академик М.Шакурӣ дар иртибот ба фаъолияти илмӣ ва иҷтимоии ӯ;

– нишон додани саҳми босазои М.Шакурӣ чун муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик;

– муайян намудани саҳми адабиётшинос дар таҳқиқи проблемаи анъана ва навоварӣ дар осори адибони классики тоҷик;

– баррасии муносибати М.Шакурӣ ба адабиёти давраи нави тоҷик ва вижагиҳои шакливу мундариҷавии он;

– бо истифода аз принсипи аз кулл ба ҷузъ таъйини ҳиссаи муносиби адабиётшинос дар омӯзиш ва таҳқиқи ҳаёту осори устод Айнӣ.

**Сарчашмаҳои асосии таҳқиқро** осори илмию назарии М. Шакурӣ ташкил додааст. Ғайр аз ин, дар диссертатсия таълифоте, ки оид ба зиндагинома ва осори муҳаққиқ маълумот медиҳанд, истифода гардидаанд. Дар баробари ин, хотироти шифоҳии устод Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ, ки бо номи «Ҳикояҳои оканда аз ҳаёт» ба табъ расидааст, мавриди корбурд қарор гирифтааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** ин диссертатсияро асарҳои илмию назариявии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз қабили Е.Э. Бертелс, С.Айнӣ, И.С. Брагинский, В.М. Жирмунский, Л.Н. Демидчик, Л. Пинхасик, М. Шакурӣ, Р. Ҳодизода, С. Нафисӣ, Х. Шарифов, З. Сафо ва дигарон ташкил додааст. Диссертант дар раванди таҳқиқ аз методҳои таҳлилӣ ва таърихӣ-муқоисавӣ, ки ҳангоми омӯзиш ва баррасии осори илмӣ васеъ истифода мешаванд, истифода карда, ба таҷриба ва дастовардҳои муҳаққиқони зикршуда такя намудааст.

**Навоварии диссертатсияи** Набиева М. дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст фаъолияти адабиётшиносӣ, махсусан осори ба соҳаи таърихи адабиёти тоҷик бахшидаи М.Шакурӣ ба таври комплексӣ мавриди омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст. Чунин тарзи фарогири

нагардидааст. Барои расидан ба ин ҳадафҳо унвонҷӯй дар назди худ чунин вазифаҳо гузоштааст:

– баррасии ҷараёни зиндагии академик М.Шакурӣ дар иртибот ба фаъолияти илмӣ ва иҷтимоии ӯ;

– нишон додани саҳми босазои М.Шакурӣ чун муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик;

– муайян намудани саҳми адабиётшинос дар таҳқиқи проблемаи анъана ва навоварӣ дар осори адибони классики тоҷик;

– баррасии муносибати М.Шакурӣ ба адабиёти давраи нави тоҷик ва вижагиҳои шакливу мундариҷавии он;

– бо истифода аз принсипи аз кулл ба ҷузъ таъйини ҳиссаи муносиби адабиётшинос дар омӯзиш ва таҳқиқи ҳаёту осори устод Айнӣ.

**Сарчашмаҳои асосии таҳқиқро** осори илмию назарии М. Шакурӣ ташкил додааст. Ғайр аз ин, дар диссертатсия таълифоте, ки оид ба зиндагинома ва осори муҳаққиқ маълумот медиҳанд, истифода гардидаанд. Дар баробари ин, хотироти шифоҳии устод Муҳаммадҷони Шакурии Бухорой, ки бо номи «Ҳикояҳои оканда аз ҳаёт» ба табъ расидааст, мавриди корбурд қарор гирифтааст.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** ин диссертатсияро асарҳои илмию назариявии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, аз қабили Е.Э. Бертелс, С.Айнӣ, И.С. Брагинский, В.М. Жирмунский, Л.Н. Демидчик, Л. Пинхасик, М. Шакурӣ, Р. Ҳодизода, С. Нафисӣ, Х. Шарифов, З. Сафо ва дигарон ташкил додааст. Диссертант дар раванди таҳқиқ аз методҳои таҳлилӣ ва таърихӣ-муқоисавӣ, ки ҳангоми омӯзиш ва баррасии осори илмӣ васеъ истифода мешаванд, истифода карда, ба таҷриба ва дастовардҳои муҳаққиқони зикршуда такя намудааст.

**Навоварии диссертатсияи** Набиева М. дар он зоҳир меёбад, ки бори нахуст фаъолияти адабиётшиносӣ, махсусан осори ба соҳаи таърихи адабиёти тоҷик бахшидаи М.Шакурӣ ба таври комплексӣ мавриди омӯзиш ва таҳлилу таҳқиқ қарор гирифтааст. Чунин тарзи фарогири

таҳқиқ имкон додааст, ки дастовардҳои ин донишманди дар илму фарҳанги давраи нави тоҷик ошкор гардида, вижагиҳои мактаби адабиётшиносии ӯ муайян карда шавад.

Диссертатсияи номзадии Набиева Меҳрангез аз чанд ҷониб аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назариаш** дар таъйину таҳқиқи ҷойгоҳ ва арзишҳои осори ба таърихи адабиёт бахшидаи академик М.Шакурӣ дар адабиётшиносии садаи XX тоҷик таъсири самарабахши он дар рушду нумуи минбаъдаи илмҳои филологии тоҷик зоҳир меёбад.

**Арзиши амалии** кори диссертатсионӣ дар он зоҳир меёбад, ки натиҷаҳои асосии таҳқиқ дар омӯзишу таҳқиқи минбаъдаи таърихи адабиёти классикии форсу тоҷик ва адабиёти давраи нави тоҷик метавонад истифода шавад. Ҳамчунин, ҳангоми таълифи асарҳои илмӣ дар риштаи адабиётшиносӣ ва нақди адабӣ, мураттаб сохтани китобҳои дарсии мактабҳои олӣ дар самти илмҳои филологӣ ба натиҷаи ин диссертатсия муроҷиат кардан мумкин аст.

Мундариҷа ва муҳтавои асосии диссертатсия дар 7 мақолаи чопнамудаи муаллиф, аз ҷумла 5 мақолаи дар маҷаллаҳои таъйиднамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, ки рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

[1-М]. Набиева, Меҳрангез. Назаре ба зиндагиномаи Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ / М. Набиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе, 2014. – №3/9 (154). – С.257-259.

[2-М]. Набиева, Меҳрангез. Шинохти Садриддин Айнӣ аз нигоҳи Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ / М. Набиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши филологӣ. - Душанбе, 2015. – №4/7 (180). – С. 163-167.

[3-М]. Набиева, Меҳрангез. Назари Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ ба бозтоби арзишҳои миллӣ дар ашъори Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ /

М. Набиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/7. – С. 195-198.

[4-М]. Набиева, Меҳрангез. Таъсирпазирии шоирони даврai нави адабиёти тоҷик аз осори Абдурраҳмони Ҷомӣ дар пажӯҳиши устод Шакурии Бухороӣ / М. Набиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2018. – №8. – Қисми II. - С. 189-194.

[5-М]. Набиева, Меҳрангез. Таҳқиқу баррасии назми муосири тоҷик дар пажӯҳиши М.Шакурӣ / М. Набиева // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – №4. – С.175-178.

Кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон диссертатсияи **Набиева Меҳрангез Назаровнаро** дар мавзӯи **«Муҳаммадҷони Шакурӣ муҳаққиқи таърихи адабиёти тоҷик»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурие меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсия барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ тавсия менамояд.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назария ва адабиёти навини форсии тоҷикии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори №9 аз 25.11.2020.

**Номзади илмҳои филологӣ, дотсент,**
**мудири кафедраи назария ва адабиёти**
**навини форсии тоҷикӣ** **Зайниддинзода М.**

**Котиби илмӣ, ассистент** **Бобомаллаев И.Ч.**

**Тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси**
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон** **Тавқиев Э.Ш.**

«25» ноябри соли 2020.